"Тасдиқ менамоям"
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон
н.и.п дотсент Саттарзода Б.А.

«12» 02 2026с.

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Одилзода Исмоил Одил дар мавзуи «Рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)

• **1.Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсиям ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Одилзода Исмоил Одил ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мутобиқ мебошад: 1. Рушди назария ва методологияи соҳибкорӣ; таҳияи методикаи ташкили фаъолият дар шаклҳои мухталифи соҳибкорӣ; 3. Қонуният ва тамоили рушди соҳибкорӣ дар шароити муосир; 8. Танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ; 10. Ҳолат ва дурнамои низомҳои байналмилалӣ, миллӣ ва минтақавии соҳибкорӣ, алоқамандии онҳо; 15. Ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ; 18. Маблағгузорӣ дар пешбурди самараноки фаъолияти соҳибкорӣ; 19. Ташкили ҳамкории сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ва бахши соҳибкорӣ; 20. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ мутобиқат дорад.

2.Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.

Дар шароити таҳаввулоти сохтории иқтисодиёти миллӣ ва густариши муносибатҳои инноватсионӣ масъалаи баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои соҳибкории саноатӣ аҳаммияти махсуси илмию амалӣ касб менамояд. Таҷрибаи рушди иқтисодиёти муосир нишон медиҳад, ки ташаккули низоми рақобатпазири саноатӣ на танҳо ба афзоиши ҳаҷми истеҳсолот, балки ба такмили сохтори соҳавӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии омилҳои истеҳсолот, рушди иқтидори технологӣ ва тақвияти робитаҳои байнисоҳавӣ вобастагии бевосита дорад. Аз ин нуқтаи назар, соҳибкории саноатӣ ҳамчун низоми мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ баррасӣ гардида, рушди он бо маҷмуи омилҳои истеҳсолӣ, ташкилӣ, институтсионалӣ, сармоягузорӣ ва инноватсионӣ муайян карда мешавад.

Дар марҳилаи кунунии рушди муносибатҳои иқтисодӣ рақамикунонӣ ба яке аз омилҳои муҳими дигаргунсозии шаклу усулҳои ташкили фаъолияти соҳибкории саноатӣ табдил ёфтааст. Аз нигоҳи назариявӣ, таъсири технологияҳои рақамӣ ба рушди соҳибкории саноатӣ тавассути тағйирёбии механизмҳои ташкили истеҳсолот, коҳишёбии хароҷоти муомилотӣ, баланд гардидани шаффофияти равандҳои идоракунӣ ва такмили низоми қабули қарорҳои иқтисодӣ зоҳир

мегардад. Дар баробари ин, сатҳи самаранокии истифодаи технологияҳои рақамӣ аз дараҷаи омодагии инфрасохторӣ, иқтидори сармояи инсонӣ, имкониятҳои молиявӣ ва мутобиқати сохтори идоракунии корхонаҳо ба талаботи иқтисодиёти рақамӣ вобаста мебошад. Бинобар ин, таҳқиқи алоқамандии байни рақамикунонӣ ва натиҷабахшии фаъолияти соҳибкории саноатӣ зарурати истифодаи равишҳои системавӣ, институтсионалӣ ва иқтисодию таҳлилиро ба миён мегузорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт бо татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат дар самти саноатикунонии босуръат, диверсификатсияи истеҳсолот ва ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ робитаи зич дорад. Эълон гардидани солҳои 2025–2030 ҳамчун «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия», ки аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2024 пешниҳод гардид, заминаи муҳими сиёсати давлатӣ дар ин самт ба ҳисоб меравад. Дар чунин шароит зарурати асоснок намудани механизмҳои иқтисодии мутобиқсозии корхонаҳои саноатӣ ба муҳити рақамӣ, такмили воситаҳои дастгирии давлатии соҳибкорӣ ва таҳияи усулҳои арзёбии самаранокии дигаргунсозиҳои технологӣ бештар мегардад.

Аз нуқтаи назари рушди минтақавӣ, вилояти Хатлон ҳамчун яке аз минтақаҳои дорои иқтидори назарраси захиравию истеҳсолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳқиқи қонуниятҳо ва хусусиятҳои рушди соҳибкории саноатӣ аҳаммияти махсус дорад. Хусусиятҳои сохтори иқтисодии вилоят, мавҷудияти заминаи ашёи хоми маҳаллӣ, захираҳои меҳнатӣ ва имкониятҳои ташаккули занҷираҳои арзиши иловашуда шароити мусоидро барои густариши фаъолияти истеҳсолӣ фароҳам меоранд. Бо вуҷуди ин, истифодаи самараноки иқтидори мавҷуда аз ҳалли як қатор масъалаҳои дорои хусусияти иқтисодию ташкилӣ, аз ҷумла нокифоя будани сармоягузориҳои технологӣ, маҳдудияти дастрасӣ ба инфрасохтори муосири рақамӣ, сатҳи нобаробари рушди иқтидори инноватсионии корхонаҳо ва зарурати такмили низоми идоракунии истеҳсолот вобаста мебошад.

Дар ин замина, аҳаммияти илмии таҳқиқи масъала пеш аз ҳама дар зарурати муайян намудани омилҳо ва қонуниятҳои таъсири рақамикунонӣ ба рушди соҳибкории саноатӣ, ошкор сохтани робитаҳои сабабию натиҷавии байни сатҳи истифодаи технологияҳои рақамӣ ва нишондиҳандаҳои самаранокии иқтисодӣ, инчунин асоснок намудани механизмҳои ташкилию иқтисодии рушди корхонаҳои саноатӣ ифода меёбад. Таҳқиқи масъалаи мазкур дар мисоли вилояти Хатлон имконият медиҳад, ки хусусиятҳои минтақавии дигаргунсозиҳои рақамӣ муайян гардида, заминаҳои назариявию методии таҳияи модели рушди устувор ва рақобатпазири соҳибкории саноатӣ такмил дода шаванд.

Илова бар ин такид намудан лозим аст, ки рушди соҳибкории саноатӣ ҳамзамон ба устувории иҷтимоӣ ва фазоии минтақа таъсир

мусбат расонида, имконият фароҳам меоварад, ки корхонаҳои истеҳсоли талаботро ба ашёи хоми маҳаллӣ, хизматрасонии нақлиётӣ, таъмир, бастабандӣ, савдо ва малакаҳои касбӣ зиёд намуда, дар атрофи худ шабакаи таъминкунандагонро ташаккул диҳад. Агар чунин робитаҳо бо пайгирии рақамии фармоиш, стандарт, сифат ва пардохт дастгирӣ шаванд, имкони иштироки соҳибкории хурд дар занҷири арзиш васеъ мегардад. Барои вилояти Хатлон ин масъала аҳаммияти махсус дорад, зеро таъсиси ҷойҳои кори маҳсулнок дар шаҳру ноҳияҳо метавонад муҳоҷирати қувваи кориро коҳиш дода, даромаднокии аҳолӣ ва пойгоҳи андозии маҳаллиро афзоиш диҳад.

Аз ин рӯ, тадқиқи асосҳои назариявӣ ва методологии рушди соҳибкории саноати дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, омӯзиши вазъи воқеӣ ва тамоюлҳои рушди он, арзёбии имкониятҳои истифодаи иқтидори соҳаи саноати вилояти Хатлон, муайян намудани омилҳои бозоранда ва таҳияи пешниҳодҳои илмӣ оид ба такмили механизмҳои иқтисодию ташкилии рушди соҳа аҳаммияти муҳим дорад. Зарурати мутобиқ намудани фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи саноат ба талаботи иқтисодиёти муосир, истифодаи самараноки захираҳои минтақавӣ ва таъмини тавозуни манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ мубрамияти мавзуи диссертатсионии Одилзода Исмоил Одилро муайян намуда, зарурати гузаронидани тадқиқоти ҳамаҷонибаи илмиро дар ин самт асоснок менамояд.

3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.

Навгонии илмии тадқиқот дар он ифода меёбад, ки дар диссертатсия асосҳои назариявию методологии рушди устувори фаъолияти соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, механизмҳои иқтисодию ташкилии истифодаи самараноки иқтидори соҳаи саноати минтақа ва роҳҳои такмили онҳо дар шароити гузариш ба принсипҳои рушди устувори иқтисодӣ асоснок карда шудаанд.Ба натиҷаҳои муҳимтарини тадқиқоти диссертатсионӣ, ки навгонии илмии онро муайян мекунанд, нуктаҳои зерин дохил мешаванд:

1. Мафҳуми муаллифии соҳибкории саноатӣ ҳамчун фаъолияти мустақилона, ташаббускорона ва таваккалкоронаи иқтисодӣ такмил дода шуд, ки сармоя, меҳнат, дониш ва технологияро барои ташкил ва навсозии истеҳсолот ва ба даст овардани натиҷаи устувори иқтисодию иҷтимоӣ муттаҳид менамояд. Робитаи панҷзинагии «захира – қарори соҳибкорӣ – раванди истеҳсол – натиҷаи бозорӣ – самараи устувор» ва сатҳҳои микро, мезо ва макро асоснок гардиданд.
2. Равиши методии арзёбии омодагии рақамии корхонаҳои саноатӣ таҳия шуд, ки панҷ марҳилаи рушди рақамӣ ва Индекси омодагии рақамиро аз рӯйи панҷ ҷузъи баробарвазн – инфрасохтор, ҳамгироии равандҳо, сармояи инсонӣ, додаҳо ва амният, инчунин самараи андозашавандаро дар бар мегирад. Индекси мазкур ҳамчун воситаи ташхис ва мониторинг пешниҳод гардидааст.
3. Механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории саноатӣ дар вилояти Хатлон такмил дода шуд, ки Маркази лоиҳавии рушди

саноати рақамӣ, феҳрист ва шиносномаи рақамии корхона, гурӯҳҳои соҳавӣ, маркази хизматрасониҳои муштарак, равзанаи маблағгузории таҷдиди рақамӣ, маблағгузории марҳилавӣ ва панели нишондиҳандаҳои натиҷаро ба як давра муттаҳид менамояд.

4. Модели сенариявии дурнамои рушди соҳибкории саноатии вилояти Хатлон то соли 2030 таҳия гардид, ки сенарияҳои инерсионӣ, таҷдиди мақсаднок ва рақамикунонии босуръатро аз рӯйи ҳаҷми маҳсулот, шумораи корхонаҳо, ҳиссаи саноати коркард, маҳсулот ба як корхона ва омодагии рақамӣ муқоиса намуда, шартҳои гузариш, таҳлил ва пешгӯии идоракуниро муқаррар мекунад.

4.Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди муаммоҳои илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.

Саҳми шахсии довталаб дар тадқиқот дар таҳияи консепсияи илмии рушди устувори соҳибкории саноатӣ, муайян намудани самтҳои асосии омӯзиши масъала, интихоби усули мувофиқи тадқиқот ва ба даст овардани натиҷаҳои илмии дорои аҳаммияти назариявию амалӣ ифода меёбад.

Дар ҷараёни тадқиқот довталаб мустақилона таҳлили назариявию методологии масъалаҳои марбут ба рушди устувори соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ анҷом дода, хусусиятҳо, тамоюлҳо ва омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди ин соҳаро дар шароити муосири иқтисоди муайян намудааст. Дар асоси омӯзиши вазъи кунунӣ ва нишондиҳандаҳои рушди фаъолияти соҳибкории саноатӣ дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои истифодаи самараноки иқтидори табиӣ, иқтисодӣ ва минтақавии арзёбӣ гардида, мушкилоту маҳдудиятҳои асосии рушди соҳибкории саноатӣ ошкор карда шудаанд.

Аз ҷониби довталаб таҳлили нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳои давлатӣ ва таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ дар самти рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт гузаронида шуда, дар ин замина роҳҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои саноатӣ ва таъмини устуворii рушди соҳа асоснок карда шудаанд. Ҳамчунин, пешниҳодҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба такмили механизмҳои иқтисодию ташкилии рушди соҳибкории саноатӣ, густариши ҳамкории субъектҳои иқтисодӣ, ҷалби сармоягузорӣ, рушди инфрасохтор ва истифодаи технологияҳои рақамӣ таҳия гардидаанд.

Натиҷаҳои илмии дар диссертатсия бадастомада, хулосаҳо, тавсияҳо ва пешниҳодҳои амалии таҳияшуда маҳсули фаъолияти мустақилонаи илмии довталаб буда, саҳми шахсии ӯро дар ҳалли масъалаҳои назариявию амалии рушди устувори фаъолияти соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос менамоянд. Аҳаммияти натиҷаҳои тадқиқот дар имконияти истифодаи онҳо ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди минтақавӣ, такмили механизмҳои дастгирии давлатии соҳибкории саноатӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои соҳа зоҳир мегардад.

5.Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.

Диссертатсияи тақризшаванда аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулосаю пешниҳодот ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Муҳтавои асосии тадқиқот дар 178 саҳифаи компютерӣ оварда шуда, фарогири 49 ҷадвал, 22 расм мебошад. Рӯйхати адабиёт аз 140 номгуй иборат аст.

Дар муқаддима муҳиммияти мавзуи тадқиқоти диссертатсионӣ ва дараҷаи коркарди он асоснок карда шуда, ҳадаф, вазифаҳо, объект, предмет, фарзияи тадқиқот, навовариҳои илмӣ, асосҳои назариявӣ ва амалии тадқиқот мавриди омӯзиш ва тадқиқ қарор гирифта, дар бораи татбиқи натиҷаҳои кор маълумот дода шудааст.

Дар доираи зербоби 1.1 **«Моҳият ва нақши соҳибкории саноатӣ дар таъмини рушди устувор ва саноатикунонии иқтисоди миллӣ»** (саҳ. 17–31) муаллиф асосҳои илмию назариявии ташаккул ва рушди соҳибкории саноатиро мавриди таҳқиқ қарор дода, моҳияти иқтисодӣ, хусусиятҳои ташкилию истеҳсолӣ ва мавқеи онро дар низоми муносибатҳои иқтисодии муосир муайян намудааст. Дар асоси омӯзиш ва муқоисаи равишҳои назариявии олимони ватанию хориҷӣ соҳибкории саноатӣ ҳамчун шакли махсуси фаъолияти иқтисодӣ, ки ба ташкили истеҳсолот, истифодаи самараноки омилҳои истеҳсолӣ, ҷорӣ намудани навовариҳои технологӣ ва тавлиди маҳсулоти дорои арзиши иловашуда равона гардидааст, арзёбӣ карда мешавад. Дар ин замина, хусусиятҳои фарқкунандаи соҳибкории саноатӣ, аз ҷумла вобастагии он аз иқтидори истеҳсолӣ, дараҷаи таъминоти технологӣ, ҳаҷми сармоягузорӣ, сатҳи тахассуси захираҳои меҳнатӣ ва талаботи бозор мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтаанд.

Дар диссертатсия асоснок карда шудааст, ки соҳибкории саноатӣ дар низоми иқтисоди миллӣ на танҳо ҳамчун воситаи ташкили фаъолияти истеҳсолӣ, балки ҳамчун омили муҳими дигаргунсозии сохтори иқтисодиёт, рушди муносибатҳои бозорӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолоти миллӣ баромад менамояд. Муаллиф нақши онро дар таъмини саноатикунонии босуръат, диверсификатсияи иқтисодиёт, ташаккули занҷираҳои арзиши иловашуда, афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва таҳкими иқтидори содиротии кишвар мавриди арзёбӣ қарор додааст. Ҳамзамон, робитаи мутақобилаи рушди соҳибкории саноатӣ бо пешрафти илм ва технология, густариши фаъолияти сармоягузорӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани сатҳи истифодаи иқтидори захиравию истеҳсолии минтақаҳо муайян карда шудааст.

Ҷанбаи дигари таҳқиқоти зербоби мазкурро муайян намудани робитаи соҳибкории саноатӣ бо принсипҳои рушди устувори иқтисодӣ ташкил медиҳад. Дар ин раванд, муаллиф зарурати таъмини мувозинати манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологиро дар фаъолияти субъектҳои соҳибкории саноатӣ асоснок намуда, истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ, баланд бардоштани самаранокии энергетикӣ, коҳиш додани

хароҷоти истеҳсолӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои каммасрафро ҳамчун самтҳои муҳими таъмини устувории фаъолияти корхонаҳо арзёбӣ кардааст. Дар натиҷа, соҳибкории саноатӣ ҳамчун унсури муҳими низоми рушди иқтисоди миллӣ ва омили таъсиррасон ба ташаккули сохтори муосири саноатӣ муайян гардида, зарурати такмили механизмҳои ташкилию иқтисодии рушди он дар шароити дигаргуншавии муҳити иқтисодӣ асоснок карда шудааст.

Дар доираи зербоби 1.2 **«Рақамикунонии иқтисодиёт ҳамчун омили рушди соҳибкории саноатӣ»** (саҳ. 32–47) муаллиф моҳияти иқтисодии рақамикунонӣ, заминаҳои ташаккули иқтисоди рақамӣ ва хусусиятҳои таъсири технологияҳои рақамиро ба фаъолияти субъектҳои соҳибкории саноатӣ мавриди таҳқиқи назариявию методӣ қарор додааст. Дар асоси таҳлили равишҳои илмӣ рақамикунонӣ ҳамчун раванди дигаргунсозии сифатии муносибатҳои иқтисодӣ, механизмҳои идоракунӣ ва усулҳои ташкили истеҳсолот баррасӣ гардида, нақши он дар баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо, коҳиш додани хароҷоти муомилотӣ ва истеҳсолӣ, такмили фаъолияти идоракунӣ ва таҳкими рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ муайян карда шудааст.

Дар раванди таҳқиқот ба масъалаи таъсири технологияҳои муосири рақамӣ ба равандҳои истеҳсолӣ ва идоракунии фаъолияти соҳибкорӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардидааст. Аз ҷумла, имкониятҳои истифодаи низомҳои иттилоотии идоракунӣ, технологияҳои автоматикунонии истеҳсолот, таҳлили додаҳо, платформаҳои рақамӣ ва воситаҳои электронии ҳамоҳангсозии фаъолияти истеҳсолӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф асоснок намудааст, ки истифодаи технологияҳои рақамӣ метавонад ба баланд гардидани дақиқии банақшагирии истеҳсолот, такмили назорати сифати маҳсулот, беҳтар шудани идоракунии захираҳои моддию техникӣ, коҳиш ёфтани талафоти истеҳсолӣ ва суръат гирифтани равандҳои қабули қарорҳои идоракунӣ мусоидат намояд.

Ҳамзамон, муаллиф омилҳои асосии таъсиррасон ба суръат ва самаранокии рақамикунонии фаъолияти корхонаҳои саноатиро мавриди таҳлили илмӣ қарор додааст. Муайян карда шудааст, ки татбиқи самараноки технологияҳои рақамӣ аз маҷмуи шароитҳои иқтисодӣ, молиявӣ, ташкилӣ, технологӣ ва институтсионалӣ, аз ҷумла сатҳи рушди инфрасохтори рақамӣ, дастрасӣ ба сармоягузорӣ, иқтидори инноватсионии корхонаҳо, омодагии касбии кормандон ва мавҷудияти низоми муосири идоракунӣ вобаста мебошад.

Дар зербоби мазкур инчунин масъалаҳои такмили муҳити институтсионалӣ ва нақши сиёсати давлатӣ дар ҳавасмандгардонии рақамикунонии соҳибкории саноатӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Асоснок карда шудааст, ки рушди инфрасохтори рақамӣ, ташаккули механизмҳои дастгирии молиявию сармоягузорӣ, ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ, такмили низоми омодасозии кадрҳо ва густариши ҳамкории муассисаҳои илмӣ бо корхонаҳои саноатӣ аз шартҳои муҳими гузариш ба шаклҳои муосири ташкили истеҳсолот ба ҳисоб мераванд.

Муаллиф дар доираи зербоби 1.3 «**Таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ**» (саҳ. 48–65) таҷрибаи кишварҳои хориҷиро дар самти ташаккул ва рушди соҳибкории саноатӣ, татбиқи технологияҳои рақамӣ ва истифодаи механизмҳои муосири ташкилию иқтисодии идоракунии фаъолияти истеҳсолӣ мавриди омӯзиши муқоисавӣ қарор додааст. Дар асоси таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ хусусиятҳои асосии сиёсати саноатӣ, усулҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ, шаклҳои дастгирии давлатии корхонаҳои истеҳсолӣ ва механизмҳои ҷалби сармоягузорӣ ба навсозии технологӣ баррасӣ гардидаанд. Диққати махсус ба нақши рақамикунонӣ дар ташаккули моделҳои инноватсионии истеҳсолот, баланд бардоштани самаранокии идоракунии корхонаҳо ва таҳкими мавқеи онҳо дар бозорҳои дохилию байналмилалӣ равона карда шудааст.

Дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ муаллиф муайян намудааст, ки рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ бештар ба ҳамгироии сиёсати саноатӣ, пешрафти илму техника, рушди сармояи инсонӣ ва ташаккули муҳити мусоиди институтсионалӣ алоқаманд мебошад. Дар ин замина, таҷрибаи истифодаи технологияҳои саноати рақамӣ, ташкили низомҳои автоматикунонидашудаи истеҳсолот, рушди кластерҳои саноатӣ, марказҳои инноватсионӣ ва механизмҳои ҳамкории давлат, илм ва бахши хусусӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар асоси таҳлили муқоисавии таҷрибаи ҷаҳонӣ зарурати ташаккули механизми мутобиқгардонидашудаи рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ асоснок карда шудааст.Механизми мазкур бояд ҳамоҳангии воситаҳои танзими давлатӣ, ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ, рушди инфрасохтори технологӣ, баланд бардоштани салоҳияти рақамии захираҳои меҳнатӣ ва густариши робитаҳои илму истеҳсолотро таъмин намояд. Ҳамзамон, истифодаи таҷрибаи пешқадами хориҷӣ ҳамчун воситаи такмили заминаҳои ташкилию иқтисодии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва баланд бардоштани самаранокии татбиқи сиёсати саноатикунонии босуръати кишвар арзёбӣ гардидааст.

Дар хулосаи боби аввал натиҷаҳои таҳқиқоти назариявию методологӣ ҷамъбаст гардида, моҳияти иқтисодӣ, хусусиятҳои асосӣ ва конуниятҳои рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт муайян карда шудаанд. Дар натиҷаи омӯзиши омилҳои таъсиррасон ва таҷрибаи байналмилалӣ самтҳои афзалиятноки такмили механизмҳои ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории саноатӣ муайян карда шуда, зарурати мутобиқ намудани технологияҳои рақамӣ ба хусусиятҳои сохторию истеҳсолии иқтисодиёти минтақавӣ таъкид гардидааст. Натиҷаҳои бадастомада заминаи илмию методиро барои таҳлили вазъи воқеии соҳибкории саноатӣ дар вилояти Хатлон, арзёбии сатҳи рақамикунонии фаъолияти корхонаҳо, муайян намудани омилҳои бозторандаи рушди онҳо ва таҳияи пешниҳодҳои илман асоснок оид ба баланд бардоштани самаранокӣ ва рақобатпазирии фаъолияти соҳибкории саноатӣ фароҳам меоранд.

Боби дуюми диссертатсия «Таҳлили вазъи муосири рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт дар вилояти Хатлон» (саҳ. 66–113) ба таҳқиқи ҷанбаҳои амалию таҳлилии рушди соҳибкории саноатӣ, арзёбии вазъи муосири фаъолияти корхонаҳои истеҳсолии минтақа, муайян намудани сатҳ ва самаранокии истифодаи технологияҳои рақамӣ, инчунин ошкор сохтани омилҳои таъсиррасон ва мушкилоти асосии рушди субъектҳои соҳибкории саноатӣ бахшида шудааст. Дар доираи боби мазкур муаллиф бо истифода аз равишҳои таҳлили иқтисодӣ, муқоисавӣ ва оморӣ хусусиятҳои рушди саноати минтақа, тағйирёбии нишондиҳандаҳои фаъолияти истеҳсолӣ, иқтидори иқтисодию технологии корхонаҳо ва имкониятҳои истифодаи воситаҳои рақамиро дар баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ мавриди омӯзиш қарор додааст.

Дар зербоби 2.1 **«Арзёбии вазъи кунунии рушди соҳибкории саноатӣ дар вилояти Хатлон»** (саҳ. 66–81) вазъи муосир, тамоюлҳои асосӣ ва хусусиятҳои сохтории рушди соҳибкории саноатӣ дар минтақа мавриди таҳлили иқтисодӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф бо назардошти мавқеи вилояти Хатлон дар низоми иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои ташаккули иқтидори саноатӣ, хусусиятҳои ҷойгиршавии неруҳои истеҳсолкунанда, имкониятҳои истифодаи захираҳои ашёи хоми маҳаллӣ ва нақши субъектҳои соҳибкориро дар рушди истеҳсолоти саноатӣ баррасӣ намудааст. Дар ин замина, ба таҳлили сохтори соҳавии саноат, фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ, имкониятҳои рушди саноати коркард ва ташаккули занҷираҳои арзиши иловашуда таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардидааст.

Дар раванди таҳқиқот нишондиҳандаҳои асосии тавсифкунандаи вазъи рушди соҳибкории саноатӣ, аз ҷумла динамикаи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, шумора ва фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, сатҳи истифодаи иқтидорҳои истеҳсолӣ, ҳаҷми сармоягузорӣ, таъминот бо захираҳои меҳнатӣ ва имкониятҳои навсозии воситаҳои асосии истеҳсолот мавриди арзёбӣ қарор гирифтаанд. Дар асоси таҳлили мазкур омилҳои ташаккулдиҳандаи иқтидори истеҳсолии минтақа ва самтҳои афзалиятноки густариши фаъолияти соҳибкории саноатӣ муайян карда шудаанд.

Дар диссертатсия асоснок гардидааст, ки рушди соҳибкории саноатӣ дар вилояти Хатлон аз маҷмуи омилҳои ба ҳам алоқаманди иқтисодӣ, ташкилӣ, молиявӣ ва инфрасохторӣ вобастагӣ дорад. Аз ҷумла, мавҷудияти захираҳои ашёи хоми кишоварзӣ, имкониятҳои рушди саноати хӯрокворӣ, нассоҷӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмон ва дигар самтҳои коркарди саноатӣ ҳамчун заминаҳои муҳими тавсеаи фаъолияти истеҳсолӣ арзёбӣ гардидаанд. Дар ин замина, муаллиф зарурати истифодаи самараноки имкониятҳои дохилии минтақа, тақвияти фаъолияти сармоягузорӣ, дастгирии субъектҳои соҳибкории хурду миёна ва густариши ҳамкории байни корхонаҳои истеҳсолиро асоснок намудааст. Ҳамчунин, аҳаммияти такмили сохтори истеҳсолот, баланд бардоштани дараҷаи коркарди ашёи хоми маҳаллӣ ва рушди фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун омилҳои муҳими таҳкими рақобатпазирии

соҳибкории саноатӣ муайян карда шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти зербоби мазкур барои арзёбии имкониятҳои иқтисодии рақамикунонии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва муайян намудани заминаҳои рушди минбаъдаи онҳо асоси таҳлилӣ фароҳам овардаанд.

Дар зербоби 2.2 **«Таҳлили сатҳ ва самаранокии татбиқи технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти корхонаҳои саноатӣ»** (саҳ. 82–98) ҳолати истифодаи технологияҳои муосири рақамӣ дар фаъолияти субъектҳои соҳибкории саноатӣ ва таъсири онҳо ба нишондиҳандаҳои иқтисодии истеҳсолот мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф масъалаҳои таъминоти техникию технологӣ, сатҳи истифодаи низомҳои иттилоотӣ, имкониятҳои автоматикунонии равандҳои истеҳсолӣ ва дараҷаи омодагии корхонаҳоро ба татбиқи механизмҳои рақамии идоракунӣ таҳлил намудааст. Дар ин замина, рақамикунонӣ ҳамчун омили тағйирдиҳандаи муносибатҳои ташкилию иқтисодӣ, такмили истифодаи захираҳои истеҳсолӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ баррасӣ гардидааст. Муаллиф асоснок намудааст, ки самаранокии рақамикунонӣ на танҳо аз мавҷудияти таҷҳизот ва барномаҳои технологӣ, балки аз дараҷаи ҳамгироии онҳо бо низоми умумии идоракунии корхона, сифати захираҳои инсонӣ ва қобилияти субъектҳои соҳибкорӣ барои истифодаи иттилоот дар қабули қарорҳои иқтисодӣ вобаста мебошад.

Дар зербоби мазкур масъалаҳои самаранокии иқтисодии сармоягузорӣ ба рақамикунонӣ низ мавриди арзёбӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф ба зарурати муқоисаи хароҷоти ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ бо натиҷаҳои иқтисодии истифодаи онҳо, муайян намудани имкониятҳои коҳиш додани талафоти истеҳсолӣ ва баланд бардоштани бозdеҳи захираҳои сармоягузорӣ таваҷҷуҳ намудааст. Дар ин замина, аҳаммияти ташаккули низоми нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии рақамикунонӣ, такмили усулҳои банақшагирии сармоягузориҳои технологӣ ва рушди иқтидори рақамии кормандон ҳамчун шартҳои муҳими баланд бардоштани натиҷабахшии дигаргунсозиҳои рақамӣ муайян гардидааст.

Дар натиҷаи таҳқиқот асоснок карда шудааст, ки татбиқи технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти соҳибкории саноатии вилояти Хатлон бояд хусусияти маҷмуӣ дошта, ҳамзамон навсозии воситаҳои истеҳсолот, такмили равандҳои идоракунӣ, рушди малакаҳои касбию рақамии кормандон ва ташаккули инфрасохтори зарурии иттилоотиро фаро гирад. Ин равиш имкон медиҳад, ки рақамикунонӣ на ҳамчун раванди ҷудогонаи технологӣ, балки ҳамчун воситаи баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ ва таъмини рушди устувори корхонаҳои саноатӣ арзёбӣ карда шавад.

Дар зербоби 2.3 **«Омилҳо ва мушкилоти рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт»** (саҳ. 99–113) омилҳои асосии таъсиррасон ба фаъолияти субъектҳои соҳибкории саноатӣ ва монеаҳои иқтисодию ташкилии татбиқи технологияҳои рақамӣ дар вилояти Хатлон мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф бо истифода аз муносибати системавӣ омилҳои муайянкунандаи рушди соҳибкории

саноатиро аз рӯйи хусусиятҳои иқтисодӣ, молиявӣ, технологӣ, институтсионалӣ, инфрасохторӣ ва кадрӣ гурӯҳбандӣ намуда, таъсири мутақобилаи онҳоро ба самаранокии фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ баррасӣ кардааст.

Ҳамзамон, муаллиф масъалаҳои вобаста ба муҳити институтсионалӣ ва механизмҳои танзими давлатии фаъолияти соҳибкории саноатиро таҳлил намудааст. Дар ин замина, аҳаммияти такмили низоми дастгирии давлатии соҳибкорӣ, ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди сармоягузорӣ ва тақвияти робитаҳои байни муассисаҳои илмӣ, марказҳои технологӣ ва субъектҳои истеҳсолӣ асоснок карда шудааст. Қайд гардидааст, ки самаранокии сиёсати дастгирии соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонӣ аз дараҷаи мувофиқати воситаҳои танзими иқтисодӣ ба талаботи воқеии корхонаҳо ва хусусиятҳои рушди саноати минтақавӣ вобаста мебошад.

Дар хулосаи боби дуюм натиҷаҳои таҳлили иқтисодии вазъи муосири соҳибкории саноатӣ дар вилояти Хатлон, хусусиятҳои сохторию истеҳсолии фаъолияти корхонаҳо, сатҳи истифодаи технологияҳои рақамӣ ва омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди онҳо ҷамъбаст гардидаанд. Дар асоси таҳқиқот муайян карда шудааст, ки минтақа дорои имкониятҳои назарраси рушди истеҳсолоти саноатӣ буда, истифодаи самараноки захираҳои ашёи хоми маҳаллӣ, иқтидори меҳнатӣ ва имкониятҳои сармоягузорӣ метавонад ба афзоиши истеҳсолот, баланд бардоштани арзиши иловашуда ва таҳкими рақобатпазирии субъектҳои соҳибкорӣ мусоидат намояд. Натиҷаҳои боби мазкур барои муайян намудани самтҳои афзалиятноки рақамикунонии фаъолияти субъектҳои соҳибкории саноатӣ, таҳияи механизмҳои ташкилию иқтисодии баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва асоснок намудани пешниҳодҳои илмӣ – амалӣ оид ба рушди устувору рақобатпазири соҳибкории саноатӣ дар вилояти Хатлон заминаи таҳлилӣ ва методӣ фароҳам овардаанд.

Боби сеюми диссертатсия «Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории саноатӣ дар вилояти Хатлон дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» (саҳ. 114–156) ба асоснок намудани самтҳои стратегии рушди соҳибкории саноатӣ, такмили механизмҳои ташкилию иқтисодии фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ дар заминаи истифодаи технологияҳои рақамӣ, такмили воситаҳои танзим ва дастгирии давлатӣ, инчунин моделсозии сенариявӣ ва муайян намудани дурнамои рушди соҳибкории саноатӣ дар минтақа бахшида шудааст. Дар доираи боби мазкур муаллиф дар асоси ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҳлили вазъи воқеии фаъолияти субъектҳои соҳибкории саноатӣ масъалаҳои ташаккули механизми муосири рушди истеҳсолот, баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо ва мутобиқ намудани фаъолияти корхонаҳоро ба талаботи иқтисоди рақамӣ мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар зербоби 3.1 «Самтҳои афзалиятноки такмили механизми рушди соҳибкории саноатӣ дар асоси технологияҳои рақамӣ» (саҳ. 114–128) масъалаҳои такмили асосҳои ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории саноатӣ, муайян намудани самтҳои афзалиятноки рақамикунонии фаъолияти истеҳсолӣ ва ташаккули механизмҳои муосири идоракунии

корхонаҳои саноатӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Муаллиф дар асоси натиҷаҳои таҳлили омилҳои таъсиррасон ва мушкилоти мавҷуда зарурати ташаккули муносибати маҷмуиро ба рушди соҳибкории саноатӣ асоснок намуда, истифодаи технологияҳои рақамиро ҳамчун воситаи муҳими баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, такмили равандҳои идоракунӣ ва таҳкими рақобатпазирии субъектҳои соҳибкорӣ арзёбӣ кардааст.

Дар таҳқиқот ба масъалаи такмили механизми рушди соҳибкории саноатӣ тавассути ҳамгироии омилҳои иқтисодӣ, технологӣ, ташкилӣ, молиявӣ ва институтсионалӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардидааст. Дар ин замина, самтҳои асосии навсозии фаъолияти корхонаҳо, аз ҷумла ҷорӣ намудани низомҳои иттилоотии идоракунӣ, автоматикунонии равандҳои истеҳсолӣ, истифодаи технологияҳои рақамӣ дар банақшагирӣ ва назорати истеҳсолот, ташкили низоми электронии идоракунии захираҳо ва такмили робитаҳои истеҳсолию тиҷоратӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Асоснок карда шудааст, ки татбиқи маҷмуии чунин тадбирҳо метавонад ба коҳиш додани хароҷоти истеҳсолӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, беҳтар намудани сифати маҳсулот ва истифодаи самараноки иқтидорҳои истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ мусоидат намояд.

Ҳамзамон, муаллиф нақши рушди инфрасохтори рақамӣ, баланд бардоштани иқтидори инноватсионии корхонаҳо ва такмили низоми омодасозии кадрҳоро дар ташаккули механизми самараноки рушди соҳибкории саноатӣ муайян намудааст. Дар ин робита, зарурати тақвияти ҳамкории субъектҳои соҳибкорӣ бо муассисаҳои илмӣ, марказҳои технологӣ, ташкилотҳои молиявӣ ва мақомоти идоракунии давлатӣ асоснок карда шудааст.

Дар зербоби мазкур инчунин аҳаммияти мутобиқ намудани механизмҳои рушди соҳибкории саноатӣ ба хусусиятҳои иқтисодию истеҳсолии вилояти Хатлон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф зарурати истифодаи равиши тафриқавиро нисбат ба рақамикунонии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ бо назардошти ҳаҷми истеҳсолот, сатҳи таъминоти технологӣ, иқтидори молиявӣ ва имкониятҳои кадрии онҳо асоснок намудааст. Дар ин замина, рақамикунонии истеҳсолот ҳамчун раванди марҳилавии тағйироти ташкилию технологӣ баррасӣ гардида, аҳаммияти муайян намудани афзалиятҳои сармоягузорӣ, арзёбии самаранокии иқтисодии технологияҳои ҷорӣшаванда ва ташаккули низоми назорати натиҷаҳои татбиқи онҳо таъкид шудааст.

Дар зербоби 3.2 «Такмили воситаҳои давлатӣ ва механизмҳои ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ» (саҳ. 129–141) масъалаҳои такмили сиёсати давлатии дастгирии соҳибкории саноатӣ, рушди муҳити институтсионалӣ ва ташаккули механизмҳои иқтисодию молиявии ҳавасмандгардонии фаъолияти истеҳсолӣ ва инноватсионӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Муаллиф нақши давлатро дар фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, рушди инфрасохтори саноатӣ ва

рақамӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва баланд бардоштани иқтидори технологии корхонаҳо мавриди арзёбӣ қарор додааст. Дар ин замина, танзими давлатӣ ҳамчун унсури муҳими ташаккули муҳити рақобатпазири соҳибкорӣ ва таъмини ҳамоҳангии манфиатҳои иқтисодии давлат, бахши хусусӣ ва ҷомеа баррасӣ гардидааст.

Дар диссертатсия зарурати такмили воситаҳои иқтисодии ҳавасмандгардонии соҳибкории саноатӣ, аз ҷумла механизмҳои дастгирии молиявӣ, қарздиҳии имтиёзнок, пешниҳоди кафолатҳои сармоягузорӣ, истифодаи абзорҳои андозию гумрукӣ дар доираи қонунгузорӣ ва густариши шаклҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ асоснок карда шудааст. Муаллиф таъкид намудааст, ки самаранокии чунин механизмҳо аз дараҷаи мутобиқати онҳо ба талаботи воқеии субъектҳои соҳибкорӣ, хусусиятҳои сохтории истеҳсолот ва имкониятҳои молиявию технологии корхонаҳои саноатӣ вобаста мебошад. Дар ин робита, зарурати истифодаи воситаҳои мақсадноки ҳавасмандгардонӣ, ки ба навсозии таҷҳизот, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва баланд бардоштани маҳсулнокии истеҳсолот равона гардидаанд, муайян карда шудааст.

Ҳамзамон, дар зербоби мазкур ба масъалаи рушди инфрасохтори институтсионалӣ ва ташкилию иттилоотии дастгирии соҳибкории саноатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардидааст.Муаллиф аҳаммияти фаъолияти марказҳои рушди соҳибкорӣ, сохторҳои машваратию иттилоотӣ, паркҳои технологӣ, кластерҳои саноатӣ ва дигар ниҳодҳои мусоидаткунанда ба фаъолияти инноватсиониро баррасӣ намудааст.

Дар натиҷаи таҳқиқот муаллиф ба хулосае омадааст, ки такмили механизмҳои танзим ва дастгирии давлатии соҳибкории саноатӣ бояд ба фароҳам овардани муҳити мусоиди сармоягузорию инноватсионӣ, бартараф намудани маҳдудиятҳои молиявию технологӣ ва ҳавасмандгардонии дигаргунсозиҳои рақамӣ равона карда шавад. Дар ин замина, зарурати гузариш аз шаклҳои умумии дастгирии соҳибкорӣ ба механизмҳои мақсаднок ва натиҷамеҳвар, ки самаранокии онҳо тавассути нишондиҳандаҳои рушди истеҳсолот, ҳосилнокии меҳнат, фаъолияти инноватсионӣ ва рақобатпазирии корхонаҳо муайян карда мешавад, асоснок гардидааст.

Дар зербоби 3.3 «Моделсозии сенариявӣ ва дурнамои рушди соҳибкории саноатӣ дар вилояти Хатлон дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» (саҳ. 142–156) масъалаҳои асоснок намудани дурнамои рушди соҳибкории саноатӣ, муайян намудани имкониятҳои тағйирёбии нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии фаъолияти корхонаҳо ва арзёбии таъсири омилҳои рақамикунонӣ ба рушди минбаъдаи истеҳсолоти саноатии минтақа мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Муаллиф дар асоси натиҷаҳои таҳлили вазъи мавҷуда ва омилҳои таъсиррасон зарурати истифодаи усулҳои моделсозии иқтисодӣ ва таҳияи сенарияҳои алтернативии рушди соҳибкории саноатиро асоснок намудааст. Дар ин замина, моделсозии сенариявӣ ҳамчун воситаи илмию методии арзёбии имкониятҳои рушди истеҳсолот, муайян намудани самтҳои

афзалиятноки сармоягузорӣ ва баланд бардоштани асоснокии қарорҳои иқтисодию идоракунӣ баррасӣ гардидааст.

Дар ин замина, имкониятҳои таҳияи сенарияҳои гуногуни рушди соҳибкории саноатӣ бо назардошти тағйирёбии шароити иқтисодӣ, сатҳи ҷалби сармоягузорӣ ва суръати татбиқи технологияҳои рақамӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф аҳаммияти муқоисаи сенарияҳои рушди инерсионӣ, рушди муътадил ва рушди суръатёфтаро ҳамчун воситаи муайян намудани ҳудуди имконпазири тағйирёбии нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ ва арзёбии натиҷаҳои иқтисодии сиёсати ҳавасмандгардонӣ асоснок намудааст.

Дар хулосаи боби сеюм натиҷаҳои таҳқиқот оид ба муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории саноатӣ дар вилояти Хатлон, такмили механизмҳои ташкилию иқтисодии рақамикунонии фаъолияти корхонаҳо, рушди воситаҳои дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии давлатӣ, инчунин моделсозии сенариявӣ ва асоснок намудани дурнамои рушди истеҳсолоти саноатӣ ҷамъбаст гардидаанд.Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот зарурати ташаккули механизми маҷмуии рушди соҳибкории саноатӣ, ки ҳамгироии технологияҳои рақамӣ, навсозии истеҳсолот, рушди сармояи инсонӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва такмили муҳити институтсионалиро таъмин менамояд, асоснок карда шудааст.

6. Дараҷаи саҳеҳии натиҷаҳои тадқиқот бо истифода аз усули махсус дар рафти иҷрои диссертатсия, боэътимодии маълумот, ҳаҷми кифояи маводи тадқиқшуда, коркарди омории натиҷаҳои тадқиқот, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ тасдиқ мешаванд.

7. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳо дар диссертатсия

Диссертатсияи тақризшаванда аз рӯйи сохтор, мазмун ва пайдарҳамии мантиқии баёни масъалаҳо ба мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи тадқиқот мувофиқат менамояд.

Дар диссертатсия масъалаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт дар мисоли вилояти Хатлон ба таври муназзам ва илмӣ таҳқиқ гардидаанд. Муаллиф моҳият ва хусусиятҳои соҳибкории саноатӣ, омилҳои таъсиррасон ба рушди он, вазъ ва тамоюлҳои рушди соҳибкории саноатӣ дар минтақа, нақши технологияҳои рақамӣ дар баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, инчунин самтҳои афзалиятнок ва механизмҳои такмили танзиму дастгирии давлатии соҳаро мавриди таҳлил қарор додааст. Дар ин замина, ҷиҳати истифодаи самараноки иқтидори саноатии минтақа, густариши равандҳои рақамикунонӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ ва таъмини рушди устувори соҳибкории саноатӣ пешниҳодҳои илмию амалӣ манзур намудааст.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳою тавсияҳои пешниҳодшуда бо истифодаи равишҳои мувофиқи методологӣ, таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти илмии олимони ватанию хориҷӣ ва омӯзиши маълумоти расмии оморӣ таъмин гардидаанд. Дар раванди таҳқиқот асарҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, паёмҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,

маводи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин маълумоти оморӣ ва таҳлилии созмонҳои байналмилалӣ ва сарчашмаҳои иттилоотии интернетӣ истифода шудаанд. Маҷмуи сарчашмаҳои истифодашуда, таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои таҳқиқшаванда ва мутобиқати натиҷаҳои бадастомада ба мақсаду вазифаҳои диссертатсия барои асосноқӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои илмии пешниҳодшуда заминаи мусоид фароҳам овардаанд.

8. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо

Аҳаммияти илмии таҳқиқот дар асоснок намудани заминаҳои назариявию методологии рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ва такмили механизмҳои ташкилию иқтисодии он дар вилояти Хатлон зоҳир мегардад. Натиҷаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия таҳияшуда метавонанд барои такмили равишҳои илмии арзёбии иқтидори саноатӣ ва соҳибкории минтақа, муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба рушди соҳибкории саноатӣ, таҳияи моделҳои самараноки ташкили фаъолияти соҳибкорӣ бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва асоснок намудани самтҳои афзалиятноки рушди он истифода шаванд. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми таҳияи стратегияҳо ва барномаҳои рушди саноат, соҳибкорӣ, инноватсия ва рақамикунонии иқтисодиёт дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки пешниҳодҳо ва тавсияҳои таҳияшуда метавонанд барои такмили сиёсати давлатӣ дар самти рушди соҳибкории саноатӣ, ташаккули инфрасохтори рақамӣ, беҳтар намудани муҳити соҳибкорӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосири рақамӣ дар фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва васеъ намудани имкониятҳои ҷалби сармоягузорӣ истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд аз ҷониби мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, сохторҳои масъули соҳаи саноат ва соҳибкорӣ, инчунин корхонаҳои саноатӣ ва субъектҳои соҳибкории вилояти Хатлон ҳангоми таҳияи барномаҳо, стратегияҳо ва лоиҳаҳои рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт мавриди истифода қарор дода шаванд.

Илова бар ин, муқаррароти назариявӣ ва тавсияҳои амалии пешниҳодшуда метавонанд ҳамчун заминаи методологӣ барои таҳияи чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои соҳибкории саноатӣ, ташаккули моделҳои нави идоракунии истеҳсолот, ҷорӣ намудани низомҳои рақамии идоракунӣ, автоматикунонии равандҳои истеҳсолӣ, такмили механизмҳои дастгирии давлатӣ ва густариши ҳамкории корхонаҳои саноатӣ бо муассисаҳои илмӣ, ташкилотҳои молиявӣ ва сохторҳои инноватсионӣ хизмат

намоянд. Натиҷаҳои таҳқиқот инчунин метавонанд дар фаъолияти муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ, курсҳои махсус ва гузаронидани таҳқиқоти минбаъда оид ба масъалаҳои иқтисодиёти саноат, соҳибкорӣ, иқтисодиёти рақамӣ ва рушди инноватсионии минтақаҳо истифода шаванд.

Аҳаммияти иқтисодии таҳқиқот дар муайян намудани имкониятҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои истеҳсолӣ, моддию техникӣ ва меҳнатӣ, афзоиши ҳосилнокии меҳнат, коҳиш додани хароҷоти истеҳсолӣ, диверсификатсияи фаъолияти саноатӣ, ҷалби сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ ва таҳкими рақобатпазирии субъектҳои соҳибкории саноатӣ зоҳир мегардад. Татбиқи пешниҳодҳои таҳқиқот метавонад ба афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, баланд бардоштани сифати маҳсулот, рушди фаъолияти инноватсионӣ, тавсеаи бозорҳои фурӯш, афзоиши даромаднокии корхонаҳо, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва таҳкими иқтидори саноатию иқтисодии вилояти Хатлон мусоидат намояд.

Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия дар фароҳам овардани имкониятҳои нави шуғл, баланд бардоштани сатҳи даромади аҳолӣ, рушди сармояи инсонӣ ва беҳтар намудани сифати зиндагии сокинони вилояти Хатлон ифода меёбад. Рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт метавонад барои истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ, ҷалби ҷавонон ва занон ба фаъолияти соҳибкорӣ ва истеҳсолӣ, ташкили ҷойҳои корӣ муосир, баланд бардоштани саводнокии рақамӣ, рушди малакаҳои касбӣ ва густариши имкониятҳои шуғли устувор мусоидат намояд. Ҳамзамон, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва инноватсионӣ дар фаъолияти корхонаҳои саноатӣ метавонад ба беҳтар гардидани шароити меҳнат, баланд бардоштани бехатарии истеҳсолот, истифодаи оқилонаи захираҳо ва коҳиш додани таъсири манфии фаъолияти истеҳсолӣ ба муҳити зист замина фароҳам оварда, дар таъмини рушди мутавозин ва устувори иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон нақши муҳим бозад.

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшаандаи илмӣ. Аз рӯйи маводи диссертатсия 18 кори илмӣ, аз он ҷумла 12 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ва 6 мақолаю маводи конфренсияҳои илмию амалӣ ба нашр расидаанд.

9. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.

Одилзода Исмоил Одил мутахассиси варзида дар соҳаи соҳибкории саноатӣ буда, имконияти мустақилона ҳал кардани масъалаҳои муҳимми илмӣ дар ин самт мебошад ва тадқиқоти диссертатсионии ӯ ба самти тахассуси унвончӯ мутобиқ мебошад. Мавзуи тадқиқоти диссертатсионӣ, сохтор ва мазмуни кори иҷрошуда ба талаботи муқарраршудаи шиносномаи тахассусии 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи унвончӯи дараҷаи илмӣ ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ буда, дар ҳолати амалишавӣ натиҷаҳои мусбиро ба бор хоҳад овард.

10. Эродҳо ва баъзе тавсияҳо ба диссертатсия.Новобаста аз дастовардҳои назаррас ва аҳаммияти баланди илмӣ-амалии натиҷаҳои бадастомада, дар диссертатсия баъзе нуқтаҳои баҳсталаб ва ҷанбаҳое ҷой доранд, ки ҳамчун эроду тавсияҳои зерин пешниҳод мегарданд:

1. Дар боби якуми диссертатсия "**Асосҳои илмию назариявии рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт**" дида баромада шудааст. Аммо дар раванди омӯзиши асосҳои назариявӣ на ҳамаи ҷанбаҳои иқтисодию институтсионалии ташаккули фазои соҳибкории саноатӣ ба пуррагӣ омӯхта нашудааст.

2. Дар боби дуюми диссертатсия "**Таҳлили вазъи муосири рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт дар вилояти Хатлон**" мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, аммо таҳлили омилҳои таъсиррасон ба рушди соҳибкории саноатӣ ва ҷалби технологияҳои рақамӣ ба пуррагӣ омӯхта нашудааст.

3. Дар боби сеюми диссертатсия "**Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории саноатӣ дар вилояти Хатлон дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт**" пешниҳод карда шудааст. Аммо механизми мушаххаси такмили сиёсати саноатӣ бо назардошти ташкил ва идораи он ҳаматарафа баррасӣ нагардидааст.

4. Дар диссертатсия ба масъалаҳои рушди ҳамкориҳои бахши давлатию хусусӣ, такмили механизми андозию гумрукӣ ҳамчун омили ҷалби сармоягузорӣ пурра таҳқиқ нашудааст.

Эродҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, асосан ба такмили минбаъдаи тадқиқот нигаронида шудаанд ва ба арзиши илмӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада таъсири манфӣ намерасонанд.

11.Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия

Диссертатсияи Одилзода Исмоил Одил дар мавзуи "рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт (дар мисоли вилояти Хатлон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси **5.2.** – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо "Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)" мукаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он, Одилзода Исмоил Одил барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) сазовор мебошад.

12.Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистани довталаб ба дараҷаи илмӣ.

Тадқиқоти диссертатсионии Одилзода Исмоил Одил дар мавзуи "рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт (дар мисоли вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси **5.2.** – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод шудааст, ба бандҳои 3, 8, 10, 15, 19, ва 20 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) тасдиқшуда ҷавобгӯ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаи мубрами илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси **5.2.** – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мебошад.

Такризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти банди 76 - 79 ва 81 - и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Такриз дар ҷаласаи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 10 октябри соли 2026, протоколи №3 муҳокима ва тасдиқ карда шудааст. Дар муҳокима иштирок карданд 15 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: “Тарафдор” – 15 нафар, “Муқобил” нест, “Бетараф нест”.

Раисикунандаи ҷаласа:
мудири кафедраи
иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории
донишгоҳи давлатии
Молия ва иқтисоди Тоҷикистон
номзади илмҳои иқтисодӣ муалими калон Сафаров А.А

Ташхисгар:
номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи
корхонаҳо ва соҳибкории
донишгоҳи давлатии
Молия ва иқтисоди Тоҷикистон Нуридинов С.З

Котиби ҷаласа:
номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи
корхонаҳо ва соҳибкории
донишгоҳи давлатии
Молия ва иқтисоди Тоҷикистон Абдумухторзода Н.А

«Имзои А.А Сафаров., С.З. Нуридинов ва Н.А. Абдумухторзодаро тасдиқ мекунам»:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва коргузории
донишгоҳи давлатии
Молия ва иқтисоди Тоҷикистон Мирҷамолов Муродҷон

Нишонӣ: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Нахимов 64/14. 8